*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 94 (4834) | ДУШАНБЕ, 29 ИЮЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МОВСЕС АБЕЛЯН ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**29-уми июли соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид оид ба кор бо Маҷмаи умумӣ ва мудирияти конфронсҳо Мовсес Абелянро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла мавзуъҳои обу иқлим, баррасӣ шуд.

- Аз Шумо барои ҳамкории босамар, аз ҷумла дар ташкили конфронсҳои мавзуӣ, пеш аз ҳама, оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар кишвари мо таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид, миннатдорем, - изҳор доштанд дар оғози суҳбат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон ҷонибдори тақвияти минбаъдаи нақши Созмони Милали Муттаҳид дар умури байналмилалӣ мебошад ва саъю кӯшишҳои онро барои таҳкими ҳамдигарфаҳмии ҷаҳонӣ ба хотири ҳифзи сулҳу субот ва рушд хеле муҳим мешуморад.

Қабули 10 қатънома аз рӯи ташаббусҳои Тоҷикистон ва ҷонибдории кишварҳои аъзои СММ аз иқдомҳои байналмилалии кишвари мо натиҷаи ҳамкории судманди ҷонибҳо номида шуд.

Зимни мулоқот оид ба пешбурди минбаъдаи «Раванди оби Душанбе» ва соли 2028 дар пойтахти Тоҷикистон баргузор кардани Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба захираҳои об ва дар чорчӯбаи он баррасии ниҳоии ҳамаҷонибаи иҷрои ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» табодули андеша сурат гирифт.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯйи судманд анҷом доданд.

**www.prezident.tj**



### Минбари вакил

**Дар Тоҷикистон баҳри ҷорӣ кардани таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ, аз худ кардани донишҳои замонавӣ тадбирҳои зиёд андешида мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми табрикӣ ба муносибати фарорасии соли нави мелодии 2000-ум чунин иброз дошта буданд: «Талаботи замон аст, ки мо бо интихоб намудани роҳи бунёди давлати дунявӣ ва мутамаддин бояд Ватани худро ба кишвари аз лиҳози илму техника пешрафта табдил диҳем». Дар ин робита қонуну қарорҳо ва барномаю стратегияҳои зиёд қабул гардидааст.**

Дар «Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ноябри соли 2003 тасдиқ шуд, истилоҳи «технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК)» чунин шарҳ дода шудааст: «маҷмӯи объектҳо, амалу қоидаҳои ба таҳия, коркард ва расонидани иттилоот вобастабуда, дар алоқамандӣ бо коммуникатсияи шахсӣ, оммавӣ ва истеҳсолӣ, инчунин, кулли технологияҳо ва соҳаҳо, ки ҷараёни номбаршударо якҷоя таъмин мекунанд».

Бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ҳукумати электронӣ» дар «Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон» истифода шуда, дар заминаи стратегияи мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид ва он заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, сохтори захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотии афзалиятнок, хизматрасонии иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва ҳимояи маълумот, системаи иттилоотии идоракунии давлатӣ, таъминоти кадрии ҷараёни иттилоотонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракуниро муайян намуда, барои дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани Шурои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Натиҷаҳои татбиқи стратегия ва барномаи мазкур ба соҳаи саноат низ таъсири мусбат расонида, барои рушди он заминаҳои мусоиди технологиву идорӣ фароҳам намуд. Масалан, бар ивази муросилоти анъанавӣ почтаи электронӣ ташкил гардид, ҷараёни коргузорӣ шакли сифатан нави компютерикунонидашударо

## ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

### ВАЗЪИ ТАТБИҚИ САНАДҲОИ ҚАБУЛШУДА ҚОНЕЪКУНАНДА НЕСТ

Яке аз аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки истифодаи низоми мазкурро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррару танзим намуда, ба ташаккул ва рушди он асоси ҳуқуқӣ гузошта буд, қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2000 маҳсуб меёбад. Тибқи он созишномаи ҳамкорӣ дар ташаккул додани захира ва системаҳои иттилоотӣ,

касб намуд, пайдо шудани алоқаи мобилӣ ва интернет дастрасӣ ба иттилоот ва табодули онҳоро осон намуд. Илова бар ин, имкониятҳои муколамаи мутақобила бо сарфаи вақт васеъ гардида, ҷараёни ҷалби сармояву сармоягузор ба соҳа беҳтар шуд, аз ҷониби давлат имтиёзҳои иловагӣ барои ҳавасмандгардонии воридоту ҷоринамоии технологияҳои нав пеш-



татбиқи барномаҳои байнидавлатии кишварҳои аъзои ИДМ дар соҳаи информатизатсия тасдиқ шуд. Тибқи созишномаи мазкур, мамлакатҳои аъзои ИДМ дар баробари танзими муносибат дар самти иттилоотонӣ, инчунин, дар бобати ҳамоҳангии танзими меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи иттилоотонӣ, таъсиси технологияҳои иттилоотонӣ, ҳифзи иттилоот ва манбаъҳои он, ташкил ва рушди бозори хизматрасонӣ дар соҳаи иттилоотонӣ, ҷалби сармоя ва истифодаи фишангҳои ҳавасмандгардонии тарҳрезӣ ва татбиқи барномаҳо, маркетинги бозори иттилоот, омодасозии мутахассисони соҳа ва дигар тадбирҳо ба тавофуқ расида буданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат 20 марти соли 2002 чунин дастур доданд: «Бо назардошти вазъи геополитикии кишварамон, рушди рӯзафзуни технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва таъсиру нуфузи иттилооти омма ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба мо зарур аст, ки консепсияи ташаккул ва рушди фазои ягонаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои дахлдори иттилооти давлатиро таҳия, баррасӣ ва қабул намоем».

Дар ин замина Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011) ва як қатор санадҳои мушаххаси меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва тасдиқ гардиданд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили системаи ягонаи автоматиконидашудаи таҳияи аснод дар дастгоҳи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъсиси Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот ва тадбирҳои танзими воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» ва «Дар бораи қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ин раванд такон бахшиданд.

бинӣ гардид, барои баланд бардоштани касбияти мутахассисон шароити иловагӣ фароҳам гардид.

Марҳилаи нави татбиқшавии «ҳукумати электронӣ» бо қабули Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Консепсияи мазкур идомаи мантиқии татбиқи стратегияву барномаи зикршуда буда, бо мақсади амалисозии «Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 тасдиқ шудааст, таҳия гардид.

Аз ҷумлаи ҳадафҳои консепсияи мазкур баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, сатҳу сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон расонида мешаванд, сода гардонидани қоидаҳо ва кам кардани муҳлати расонидани хизмати иҷтимоӣ, инчунин, кам кардани хароҷоти маъмурӣ, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот, ташаккули низоми ягонаи табодули иттилоотӣ мебошанд.

Натиҷаи чунин тадбирандешиҳо буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги Индекси рушди ҳукумати электронӣ (EGDI), ки аз ҷониби Департаменти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ дар ду сол як маротиба гузаронида мешавад, ба қатори гурӯҳи кишварҳои бо EGDI-и баланд дохил шуд. Вале ин дастовардҳо ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нестанд, зеро низоми «ҳукумати электронӣ» ба он шакле, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ татбиқ мешаваду тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида муқаррар гардидааст, ба таври бояду шояд дар кишвар ба роҳ монда нашуд. Аз ин рӯ, дар ин самт андешидани тадбирҳои иловагӣ ва риояи қонуну тартиботи ҷорӣ зарур аст, то ба комёбиҳои бештар ноил гардем.

**Н. ХОЛБОЙЗОДА,**
**К. ИСМОИЛИЁН,**
**вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## АНДЕШАҲОИ ПУРҲИКМАТ ВА ДАСТУРИ САРИВАҚТӢ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори давлат ва ҷомеаро созмон дода, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем» ва Сарвари давлат пешниҳод карданд, ки соли 2024 ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсия «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.**




Дарвоқеъ, маърифати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ҳар фард ҳуқуқҳои худро донад, қонунҳоро риоя намояд ва донишу малакаашро такомул диҳад. Дар ин ҷода мақом ва мароми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар онҳо худшиносии миллӣ меҳвар аст, хеле муҳим мебошад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691, «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, № 383, «Дар бораи баъзе чораҳои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» ба ин раванд таҳрик бахшиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои ифротгароӣ ва терроризм чунин гуфтанд: «Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, узви ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар ҷараёни таҳаввулоти босуръати ҷаҳонишавӣ, муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёт қарор дорад.

Имрӯз дар як қатор кишварҳо ҷангҳои харобиовар идома дошта, боиси афзоиши фирориёни иҷборӣ, бекорӣ, гуруснагӣ ва шиддат гирифтани проблемаҳои дигари иҷтимоӣ гардидаанд. Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаҳои ҷиддитарини инсоният дар асри XXI табдил ёфтааст. Аз ин ҷост, ки ҳоло таъмини амният дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сарҳати масъалаҳои мубрами рӯз қарор дорад».

Дар ҷаҳони муосир раванд ва зуҳуроти номатлубе мавҷуданд, ки ба тамоми мардуми сайёра таҳдид мекунад. Яке аз чунин зуҳуроти номатлуб терроризм ва ифротгароӣ мебошад, ки боиси нигаронии давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ гардидааст. Зеро дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор мардуми осоишта қурбони амалҳои террористӣ ва экстремистӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу корношоям гардиданд.

Мафҳуми «экстремизм» маънои ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравонаи гузаштан аз андозаро дорад. Экстремист фарде мебошад, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои тундравона ва якравӣ ба шумор меравад.

Терроризм зуҳуроти номатлуби ҷомеаи инсонӣ буда, мақсадаш қатли ом, рабудани одамон, тарконидани иншооти гуногуни маишию маданӣ, рабудани воситаҳои гуногуни нақлиёт ва амсоли ин мебошад. Дар тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «терроризм» чунин шарҳ дода шудааст: «Мақсади ибтидоии терроризм халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба воҳима ва таҳлука овардани одамон буда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатист. Чунин ҳаракатҳо мақсади ниҳоии ҷинояткорон дар маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳуқуқӣ мебошад, ки ба манфиати онҳост ва ё ба мақсади резонидани обрӯ ва манзалати мақоми давлатист».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар таъкид намуданд: «Солҳои охир бисёр ҷавононе, ки аз мазмун ва мундариҷаи маърифати ҳуқуқӣ огаҳ нестанд ва мактабу оила ва дигар воситаҳое, ки дар тарбияи маърифатии ҷавонон бояд саҳмгузор бошанд, ба ҷои дуруст гузоштани мақсаду мароми ҳуқуқӣ бо сабаби надонистани механизми дурусти тарбияи маърифатӣ дар шууру рафтори он вакуум мегузоранд, ки боиси ба вуҷуд омадани ҳар гуна воқеаҳои нангин гардиданашон аз имкон берун нест. Солҳои охир аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди дигар кишварҳои ҷаҳон амалҳои мудҳиши террористӣ содир шуда, ин кирдори ғайриинсонии онҳо ба обрӯи давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳон иснод оварда истодааст».

Таъкид гардид, ки мардуми кишварҳои пешрафтаи мусулмонӣ имрӯз коинот рафтанро мақсаду мароми худ қарор дода, ҷавонони ин давлатҳо дар пешрафтатарин муассисаҳои таҳсилоти олии дунё мехонанд, маърифат мегиранду замонавӣ фикру андеша мекунанд. Мутаассифона, мардуми мо ҳанӯз дар фикри чӣ савоб асту чӣ убол, чӣ ҳалол асту чӣ ҳаром, ҷойнамозро чӣ гуна партоем, салларо чӣ хел бандем, ҳаҷравӣ, умраравӣ ва ҳоҷиошиву ҳоҷиталбон банд мондаанд.

Мутаассифона, бештари волидон ва муаллимони мактабҳои миёнаю ибтидоӣ ва олии касбӣ дар хусуси тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он маълумоти кофӣ надоранд. Дар ҳоле ки бузургтарин ва умдатарин лаҳзаҳои тарбияи маърифати ҳуқуқӣ фаъолияти якҷояи оила, мактаб ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи оилавӣ, ки дар асоси тарғибу ташвиқи донишҳои ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, арзишманд буда, дар мустаҳкам кардани пояҳои оилаю оиладорӣ мавқеи басо муҳимро дорост.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анъанаҳои басо муфиди аҷдодӣ дар хусуси оиладорӣ роиҷ аст. Барои боз ҳам қавитар намудани фаъолияти ниҳоди оила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба тасвиб расидааст, ки ҳамзамон, дар баланд бардоштани маърифати хонавода саҳми арзанда мегузоранд. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз ҳамон ҷумлаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо ва суҳбатҳояшон нисбат ба модар, мавқеи он дар тарбияи кӯдак, тарбияи фарзандони солеҳ ва хирадманду ватандӯст, пойдории сулҳу ваҳдат ва истиқлолияти давлатӣ ҳамеша андешаҳои пурҳикмат баён менамоянд, ки бояд сармашқи кори мо бошад – ҳам дар роҳи тарбияи дурусти фарзанд ва ҳам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ОФАТИ ТАБИӢ БА СОҲА 37,2 МИЛЛИОН СОМОНӢ ЗАРАР РАСОНД

**Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим 24-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ оид ба зарари офати табиӣ ба соҳаҳои роҳу нақлиёт иттилоъ дод. Бино ба гуфти ӯ зарари то имрӯз ҳисобшуда 37,2 миллион сомониро ташкил дода, дар сурати ба охир расидани ҳисоб дар ду минтақаи Рашт шояд ба 40 миллион сомонӣ расад.**



Азим Иброҳим изҳор дошт, ки ҳиссаи соҳаи нақлиёт дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 3764,5 миллион сомонӣ ё 6,1 дарсад баробар буда, дар шаш моҳи соли равон тавассути ҳама намуди нақлиёт 61 миллион тонна бор ва 483,1 миллион мусофир интиқол дода шуд. Вазири нақлиёт афзуд, ки боркашонӣ 13,8 фоиз, гардиши бор - 12,5, мусофирбарӣ - 9 ва гардиши мусофирон 18,1 фоиз зиёд гардидааст. Иттилоъ гирифтем, ки 93,5 дарсади ҳамлу нақли бор ва 99,8 дарсади мусофирон дар ҷумҳурӣ ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд. Дар ин давра бо нақлиёти автомобилӣ 57,2 миллион тонна бор ва 469,8 миллион мусофир интиқол дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 14,6 ва 9 дарсад зиёд мебошад.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**




## ТАБДИЛИ БАХШ БА ШУЪБА ЧӢ ПАЙОМАД ДОРАД?

**Дар нишасти матбуотии Вазорати фарҳанг, ки 22-юми июли соли равон доир шуд, хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» кам будани воҳидҳои кориро дар бахшҳои фарҳанги навоҳӣ матраҳ намуд.**



Масъулони вазорат гуфтанд, ки то охири соли равон 22 бахши фарҳанг, ки дар шаҳру навоҳӣ фаъолият доранд, ба шуъба табдил ёфта, воҳидҳои корӣ зиёд мешаванд.

- Масъалаи мазкур аз ҷониби Ҳукумати кишвар дастгирӣ ёфта, аллакай шуъбаи фарҳанг дар ВМКБ ба раёсат табдил дода шуд, - гуфт Хуршед Низомӣ, сардори раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ, фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумии вазорат.

Бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО намоиши мусаввараву либосҳои миллии тоҷикӣ, конфронси байналмилалии илмӣ ва барномаи фарҳангӣ, дар шаҳри Душанбе бо иштироки аҳли илм ва ҳунари кишварҳои Эрон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Озарбойҷон доир шудани Симпозиум-фестивали байналмилалии «Шашмақом», иштироки ҳунармандон дар чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Британияи Кабир ва Кореяи Ҷанубӣ воқеаҳои муҳими фарҳангии нимсолаи аввали соли 2024 арзёбӣ шуданд.

Иттилоъ гирифтем, ки барои идомаи сохтмони қасрҳои фарҳанги ноҳияҳои Нуробод 1 млн. 100 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 1 млн. 830 ҳазор сомонӣ, Ховалинг 1 млн. 830 ҳазор сомонӣ, маркази фарҳангӣ дар деҳаи Палдораки ноҳияи Мастчоҳ 2 млн. сомонӣ ва барои лоиҳакашии қасри фарҳанг дар ноҳияи Ишкошим ва китобхона дар ноҳияи Қубодиён 340 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

**Ф. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## ШУМОРАИ ЗАНОН ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ АФЗУДААСТ



**- Мувофиқи қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Темурмалик, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ховалинг, Шаҳритус, Носири Хусрав, Дӯстӣ ва Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон мавриди омӯзиш қарор дода шуд, - иброз дошт 23-юми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъа Давлатов.**

Номбурда афзуд, ки ҳангоми санҷиш риоя нашудани талаботи қонунгузории хизмати давлатӣ, дастурамалҳои мансабӣ, талаботи тахассусӣ, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва пешбурди парвандаҳои шахсии хизматчии давлатӣ ошкор шуд.

Мувофиқи таҳлилҳои омории агентӣ, ки ҳар семоҳа ҷамъбаст мегардад, шумораи хизматчиёни давлатӣ 18 ҳазору 384 нафар ва синни миёнаи онҳо 36,8, солро ташкил медиҳад.

Теъдоди занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ 4655 нафар ё 25,3 фоизро ташкил дода, аз 5912 ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 1211 нафар ё 20,4 фоиз занон мебошанд. Теъдоди умумии занон нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм афзудааст.

Теъдоди ҷавонони то 35-сола 8986 нафар (48,8 фоиз)-ро ташкил дода, дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 10 нафар кам мебошад.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

## 101 ШАБАКАИ ТЕЛЕВИЗИОНУ РАДИО ФАЪОЛИЯТ ДОРАНД

**Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид ба хабарнигорон иттилоъ дод, ки ба кумита дар шашмоҳаи аввали соли равон 11 дархост барои таъсиси телевизион ва радио ворид гардида, ба 5 телевизион, 2 радио ва 4 студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ иҷозатнома дода шуд.**



Бино ба гуфти ӯ, айни замон дар мамлакат 101 шабакаи давлатию хусусии телевизиону радио ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, аз ҷумла 15 телевизиону 10 радиои давлатӣ, 18 телевизиони хусусӣ, 16 телевизиони ноқилӣ, 4 телевизиони IP, 24 радиои хусусӣ ва 14 студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, фаъолият доранд.

Иттилоъ гирифтем, ки тавассути шабакаҳои давлатии телевизион ва радио бо мақсади таъмини сабти пурра ва инъикоси рӯйдоду чорабиниҳои муҳими дохилию хориҷӣ, аз ҷумла сафарҳои дохилию хориҷӣ ва вохӯрию мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, силсилаи ҷашну идҳои миллию давлатӣ ва касбӣ, инчунин, тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ, дастовардҳои замони соҳибистиқлолии мамлакат, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи минтақа ва ҷаҳон, мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ силсилаи барномаҳо таҳия ва пахш гардидааст.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

## ЛОИҲАИ 36 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ МАВРИДИ ОМӮЗИШ ҚАРОР ГИРИФТ



**- Дар нимсолаи якуми соли 2024 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 787 мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 160 мурочиат хаттӣ, 618 - шифоҳӣ, 5 - электронӣ ва 4 мурочиат телефонӣ мебошанд.**

**Дар давраи зикршуда дар намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 581 мурочиат ба қайд гирифта шуд, ки 14 мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусбат ҳал гардид, - гуфт Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода.**

Номбурда, ҳамчунин, иттилоъ дод, ки мурочиати хаттии шаҳрвандон тибқи таснифот бештар ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ 13 адад, таъминоти иҷтимоӣ - 9, алимент - 9, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва зӯроварӣ - 7 ва ҳуқуқ ба манзил 5 адад, дахл доранд.

Кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон лоиҳаи 36 санади меъёрии ҳуқуқиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар 36 гурӯҳи корӣ ва 7 мурофиаи судӣ иштирок намуда, хулоса пешниҳод намудаанд.

Дар нимсолаи якуми соли равон роҳбарият ва кормандони ин ниҳод 17 санҷишу мониторинг гузаронида, дар 5 мурофиаи судӣ, 99 суҳбати гирди миз ва тренингу семинарҳо иштироку суханронӣ намуданд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ҲАЛОКАТИ 14 НАФАР БИНОБАР РИОЯ НАКАРДАНИ ҚОИДАҲОИ БЕХАТАРӢ

**Дар шаш моҳи аввали соли 2024 дар корхонаву иншоот 18 ҳодисаи нохуш ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа 14 нафар ҳалок ва 6 кас ҷароҳати гуногуни ҷисмонӣ бардоштаанд. Сабаби асосии ҳодисаҳои нохуш бемасъулиятии муҳандисони техникии корхонаҳо, беаҳамиятии ҷабрдидагон ҳангоми кор дар иншооти хатарнок, риоя накардани технологияи коркарди кон, ҳамчунин, надоштани мутахассисони соҳавӣ мебошад.**



Ин нуктаро сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Санъат Раҳим 23-юми июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ зикр кард. Бино ба гуфти ӯ, дар хадамоти мазкур дар давраи мавриди назар 3299 корхона ва 14275 иншоот ба қайд гирифта, 160 назорати техникӣ гузаронда шуд, ки аз он 144 назорати нақшавӣ ва 16 назорати ғайринақшавӣ мебошад.

Иттилоъ гирифтем, ки дар ин давра 180 шахси ҳуқуқӣ, мансабдор ва воқеии корхонаҳои бақайдгирифташуда ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, 792232 сомонӣ ҷарима шуданд. Дар ин давра ба корхонаву ташкилот ва иншооти бақайдгирифташуда 77 иҷозатномаи фаъолият дода шудааст.

**Ш. СОЛЕҲ, «Садои мардум»**

**Шумораи умумии донишҷӯён ва магистрантони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4839 нафарро ташкил медиҳад, ки 1569 нафарашон духтарон ва 3270 нафар писарон мебошанд. Аз шумораи зикргардида 938 нафар ройгон ва боқимонда шартномавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар ин хусус 23-юми июли соли 2024 зимни нишасти матбуотӣ ректори академия Даврон Сафарзода иттилоъ дод.**

## ДАР АИД СИФАТИ ТАҲСИЛ КАФОЛАТ ДОДА МЕШАВАД



Ӯ, ҳамчунин, гуфт, ки аз шумораи умумии қайдгардида 2617 нафар дар зинаи бакалавриат (рӯзона ва фосилавӣ), 1706 нафар дар зинаи мутахассис (таҳсилоти дуюм), 426 нафар дар зинаи магистратура, 51 нафар дар зинаи магистратураи «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ва 39 нафар дар зинаи докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) таҳсил менамоянд.

Зикр гардид, ки дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарсҳо бо забони давлатӣ, русӣ ва англисӣ ҷараён гирифта, ҳамасола беш аз дусад донишҷӯ барои табодули таҷриба ба шаҳрҳои Москва ва Екатеринбурги Федератсияи Россия, Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва ғайра фиристода мешаванд. Бо ин мақсад академия дар асоси созишномаҳои ҳамкорӣ моҳи феврали соли равон дар доираи барномаи табодули академӣ 23 донишҷӯро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ сафарбар намуд.

- Дар академия аз рӯи ихтисоси «Идораи давлатӣ» ба омӯзиши яксола ва шахсоне, ки дипломи зинаи бакалавр ва ё мутахассис доранд, ба муҳлати ду сол аз рӯи ихтисосҳои гуногун ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Ҳамзамон, академия докторантони зинаи докторантураи PhD ва унвонҷӯёнро бо роҳбарони унвондору соҳибтаҷриба ва баландихтисос таъмин менамояд. Академия барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии рақобатпазир дар зинаи докторантура ва унвонҷӯ дар сатҳи байналмилалиро кафолат медиҳад,- зикр кард ректори академия.

**М. ХУДОЙНАЗАРОВ, «Садои мардум»**

## ИМЗОИ ШАРТНОМА БО 60 ШИРКАТ БАРОИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ

**- Омӯзиши геологӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ аз рӯи 29 лоиҳа ба маблағи 6 042 845,0 сомонӣ дар объектҳои металлҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо, нодир, сангҳои худҷило ва ороишӣ, гидрогеология, геологияи муҳандисӣ ва геоэкология ба роҳ монда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 802 860 сомонӣ зиёд аст, - иброз намуд сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода зимни нишасти матбуотӣ 23-юми июли соли равон.**



Тибқи иттилои ӯ, дар ин давра бо 60 ширкат шартномаи истифодаи захираҳои табиӣ ба имзо расида, мушоҳидаи реҷавӣ дар 72 обанбор ва мушоҳидаҳои такрорӣ дар 108 обанбори шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода, Бохтар ва Левакант, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Файзобод, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Панҷ, Носири Хусрав, Дӯстӣ, Шаҳритус, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Вахш ва Кӯшониён амалӣ ва 40 маҳаки об барои гузаронидани ташхиси кимиёвӣ гирифта шуд. Илова бар ин, дар дарёҳои Сир ва Зарафшон мушоҳидаҳои такрорӣ гузаронида, дар заминаи 124 маҳак таркиби химиявии обҳо муътадил арзёбӣ шуданд.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## «САФИНА» - ТАБЛИҒГАРИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ



**Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» нимсолаи якуми соли 2024 дар баробари таблиғи фарҳанги куҳанбунёди халқи тоҷик ва инъикоси ҳаёти мадании кишвар, ҳамчунин, вобаста ба тарбияи ватандӯстию ватанпарастӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, тарзи ҳаёти солим, истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, рушди саноат, фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, мақоми зан дар ҷомеа, такмили ихтисос ва омода кардани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзию боғдорӣ дар жанрҳои гуногун барнома таҳия ва пахш намудааст.**

Дар ин бора муовини якуми директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» Карим Азизов 22-юми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Мавзуи дигаре, ки дар давраи сипаришуда мавриди таваҷҷуҳи кормандони муассиса қарор дошт, иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузариш ба низоми ғайринақдии пардохт буд.

Иттилоъ гирифтем, ки дар шаш моҳи аввали соли 2024 идораи таҳия ва дубляжи филмҳои муассиса 30 филми бадеиро бо давомнокии 3044 дақиқа ё зиёда аз 50 соат дар мавзуъҳои гуногун тарҷумаву дубляж ва пешниҳоди бинандагон намуд. Аз ҳамин идора, ҳамчунин, 15 нашри барномаҳои «Қисмат», «Фазл» ва «Ёддошт» таҳия ва пешкаш гардидааст.

**М. СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

## ДМТ. МУКОФОТПУЛӢ БАРОИ ОНҲОЕ, КИ САРИ ВАҚТ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ ҲИМОЯ МЕКУНАНД

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои махсус музди меҳнати кормандонашро 10 фоиз зиёд менамояд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Эмомалӣ Насриддинзода зимни нишасти матбуотӣ 23-юми июли соли равон иттилоъ дод. Зикр шуд, ки бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон музди меҳнати кормандони соҳаи илму маориф аз якуми июл 40 фоиз зиёд гардид. Дар пайравӣ аз ин иқдом аз ҳисоби маблағҳои махсус музди меҳнати устодону кормандони донишгоҳ даҳ дарсади дигар зиёд карда мешавад.**



Эмомалӣ Насриддинзода фаъолияти донишгоҳро назаррас арзёбӣ намуда, иттилоъ дод, ки профессорон М. Раҳимова ва С. Раҷабзода аз 14-умин Намоишгоҳи байналмилалии ихтироъкорони ҷаҳон, ки дар шаҳри Ал-Қувайти давлати Қувайт бо иштироки намояндагони 65 давлат доир гашт, бо 2 медали тилло ва Ҷоизаи Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ баргаштанд. Донишҷӯи курси сеюми факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ Шукрона Тоҳирӣ ғолиби мутлақи озмуни ҷумҳуриявии «Донишҷӯи сол-2024» гашт.

Раёсати донишгоҳ ба мақсади зиёд намудани теъдоди олимону муҳаққиқони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ва сари вақт дифоъ намудани рисолаҳои илмӣ тадбирҳои зарурӣ андешид. Бо қарори шурои олимон омӯзгорону кормандони асосии донишгоҳ, ки дар соли 2024 рисолаҳои номзадию доктори фалсафа (доктор аз рӯйи ихтисос PhD), докторӣ ва доктор ҳабилитат ҳимоя менамоянд, мутаносибан бо 20 000 ва 30 000 сомонӣ қадр мешаванд.

Дар посух ба саволи хабарнигори рӯзнома зикр шуд, ки ҳоло дар доираи ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои илмии давлатҳои хориҷӣ дар донишгоҳ 19 лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ амалӣ мегарданд, ки 14-тои он дар самти илмҳои дақиқ мебошанд. Донишгоҳ 24 лоиҳаи дигарро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии хориҷӣ пешниҳод намудааст, ки ҳамагӣ ба хотири тадбиқи илм дар амал ё истеҳсолот мебошанд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## САҲМИ ШИРКАТИ ВАТАНӢ ДАР ИНТИҚОЛИ МУСОФИРОН БЕШТАР АСТ

**- Дар нимсолаи якуми соли 2024 аз фурудгоҳҳои байналмилалии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷи дуру наздик ҶДММ «Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр» ва 12 ширкати хориҷӣ («Ют Эйр», «Уральские авиалинии», «Северный ветер», «Сибирь-S7» ва «Ямал»-и Федератсияи Россия, «Эйр Астана»-и Ҷумҳурии Қазоқистон, «Ӯзбекистон ҳаво йуллари»-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон, «Флай Дубай»-и Аморати Муттаҳидаи Араб, «Туркиш Эйрлайнз»-и Ҷумҳурии Туркия, «Вориш Эйрлайнз»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон, «Ҷазира Эйрвейз»-и Давлати Қувайт) парвозҳои мунтазамро иҷро намудаанд, - қайд кард директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Назарзода зимни нишасти матбуотӣ 24-уми июли соли 2024.**



Маълум гардид, ки дар нимсолаи якуми соли 2024 фурудгоҳҳои кишвар ба 1 млн. 667 ҳазору 900 мусофир хизмат расонидаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 ҳазору 800 нафар ё 36 дарсад кам мебошад. Шумораи хатсайрҳо низ дар қиёс ба нимсолаи якуми соли гузашта 238 адад ё 2,3 дарсад кам аст.

Дар ин давра хатсайрҳои хизматрасонидашуда 4070 ададро ташкил дод, ки аз ин 3839 хатсайри мунтазам ва 231 хатсайри чартерӣ мебошад.

ҶДММ «Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр» дар нимсолаи якуми соли 2024-ум 482 ҳазору 500 мусофир интиқол додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 122 ҳазору 550 мусофир ё 34,1 дарсад зиёд мебошад. Теъдоди мусофирон дар хатсайрҳои дохилӣ 60 ҳазору 410 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 15 ҳазору 400 нафар ё 34,2 дарсад зиёд аст. Лозим ба ёдоварист, ки ҶДММ «Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр» дар нимсолаи якуми соли 2024 парвозҳои мунтазам ва транзитиро ба Туркия, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Эрон, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Чин, Олмон, Ӯзбекистон, Ҳиндустон иҷро намуда, интиқоли 60 фоизи мусофирон ба Федератсияи Россия низ аз ҷониби ин ширкат амалӣ шудааст.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## ДТТ. 1200 ХАТМКАРДА БО ҶОЙИ КОР ТАЪМИН ШУДАНД



**Давлатзода Қудрат Қамбар, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, дар посух ба саволи хабарнигори рӯзнома фаъолияти парки технологии донишгоҳро назаррас арзёбӣ намуд. Гуфт, ки дар парк барои озмоишгоҳҳои фанни физикаи мактабҳои миёна ва донишгоҳу донишкадаҳо таҷҳизот сохта мешавад. Бо назардошти он ки донишгоҳ пояи моддӣ-техникии пурқувват дар самти нақлиётро дорад, курсҳои ронандагӣ ба роҳ монда шудааст. Ин муддат 150 корманди ҶСК «Азот» ба бозомӯзӣ ҷалб шуданд.**

Корҳои озмоишӣ яке аз самтҳои муҳим ва муфиди фаъолияти парк арзёбӣ шуд. Дар парк озмоишгоҳ мавҷуд аст, ки аз аккредитатсия давлатӣ гузаштааст ва дар он 25 намуди маҳсулоти сохтмонӣ ташхис мешаванд.

- Нақша дорем аз моҳи сентябр дар парк васлу насби ҳисобкунакҳои биллингиро ба роҳ монем, - афзуд ректори донишгоҳ.

Масъулони донишгоҳ имсол намояндагони 100 корхонаро ба донишгоҳ даъват карданд, то бо хатмкунандагон мулоқот намоянд. Охири соли таҳсил 95 корхона ба донишгоҳ ҷойи кори холӣ пешниҳод намуда, 1200 хатмкарда бо ҷойи кор таъмин шуданд.

Як омӯзгори ҷавон ва ду магистранти донишгоҳ барои саҳми назаррас дар рушди илму техника ба дарёфти Ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе барои муҳаққиқони ҷавон мушарраф гардиданд.

Таъсиси факултети нав - технологияи химиявӣ ва металлургия, барои ихтироъ соҳиби патент шудани устодону донишҷӯён, ҳимояи рисолаи номзадӣ аз ҷониби 7 нафар аз дастовардҳои дигари донишгоҳ дар нимсолаи аввали соли сипаришуда арзёбӣ гардид.

**Ф. ФАЙЗАЛИЕВА, «Садои мардум»**

Нигаронӣ

# ВАРЗОБ. ҲОЛИ ТАБОҲИ МАКТАБИ БАЧАГОНАИ САНЪАТ

**Мактаби бачагонаи санъати ноҳияи Варзоб бо қарори мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон № 08, аз 26 августи соли 2004 ва қарори раиси ноҳияи Варзоб № 371, аз 21 октябри соли 2004, дар маркази ноҳия таъсис ёфта, фаъолияташро дар бинои садамавии собиқ клуби намоиши кинову консерт оғоз намуд. Соли 2013 бо супориши раиси вақти ноҳия муассисаи мазкурро ба бинои ошхонаи МТМУ №1, ки он ҳам дар ҳолати садамавӣ қарор дошт, бе ташхиси комиссияи меъморӣ ва тиббию санитарӣ кӯчониданд.**

Мутаассифона, масъулини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб боре андеша накарданд, ки бинои мазкур ҳанӯз солҳои 60-уми асри XX сохта шуда, ҳоли табоҳ дорад. Дар синфхонаҳои таъмирношудаи он мудом дарсҳои мусиқӣ баргузор мешаванд, дар ҳоле ки деворҳояш дар ҳама фаслҳои сол намнок буда, аз шифту деворҳои он бӯи нофорам меояд.

Ҳар боре ба саҳни мактаб ворид мешавем, аз дидани ҳолати ҳузнангези даромадгоҳи бинои он ғамгин мегардем. Деворҳояш кухнаву рангпарида, майдон ноҳамвору зинаҳо шикаста ва аксар дарҳо бастаанд. Директори мактаб Шамсиддин Ахмедов моро ба ҳуҷраи кориаш даъват кард ва баъди шиносоӣ аз мақсади омадани мо ба ин даргоҳ пурсон шуд.

Директори мактаб гуфт, ки хуб мебуд дар суҳбат омӯзгори калони соҳибтаҷрибаи мактаб Ҷалол Азизов иштирок намояд, зеро ӯ дар бораи таърихи мактаб маълумоти бештар дорад.

Ҷалол Азизов аз камбудиҳои мактаб ҳарф задан нахост. Ба гуфти ӯ, дар мактаб ва филиалу синфхонаҳои дар деҳотбудаи он беш аз 445 хонанда ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ҷалб шудаанд. Ҷалол Азизов таърихи таъсиси мактаби мазкурро ёдовар шуда гуфт, ки солҳои аввали фаъолият дар мактаб таълиму тарбия дар се бахш ба роҳ монда, аз соли 2011 он ба бахшҳои «Сарояндагии анъанавӣ», «Созҳои зарбӣ», «Рубобнавозӣ», «Театрӣ», «Фортепианои умумӣ», «Шашмақомсароӣ» ва «Рассомӣ» табдил дода шуд. Бо зиёд гардидани бахшҳо шумораи хонандагон низ афзуда, хоҳишмандон аз деҳаҳои Зимчурӯд, Зоғар, Шафтимиҷгон, Ғузғарф, Даҳана, Беғайр, Мурутак, Ғажнӣ ва Ҳушёрӣ ба он меоянд.

- Солҳои минбаъда фаъолияти мактаб васеъ гардида, барои баланд бардоштани завқу рағбати наврасону ҷавонон ба омӯзиши санъати миллии халқи тоҷик дар назди муассисаҳои таълимии деҳот синфҳои алоҳидаи онро ташкил кардем, - гуфт ӯ ва суханашро идома дод: - Соли 2012 дар МТМУ №3-и деҳаи Ҳушёрӣ ва МТМУ №4-и деҳаи Хоҷа Обигарм синфи «Театрӣ», соли 2015 дар МТМУ №39-и деҳаи Буваки деҳоти С. Айнӣ синфи овозхонии «Устод ва шогирд» ва соли 2016 дар МТМУ №27-и деҳаи Намозгоҳ синфи овозхонии «Фалаксароӣ»-ро ба роҳ монда, онҳоро бо асбобҳои халқӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ таъмин кардем. Баъд аз ҷалби мутахассисони маҳаллӣ дар мактаби бачагонаи санъати ноҳия ва синфҳои он дар деҳот омӯзиши ҳунарҳои мардумии гулдӯзӣ, зардӯзӣ, чӯбтарошӣ, кандакорӣ, ҳайкалтарошӣ, қолинбофӣ, заргарӣ ва рассомиро низ ба роҳ мондем.

Аз нақли Шамсиддин Ахмедов ва Ҷалол Азизов маълум гардид, ки мактаби бачагонаи санъати ноҳияи Варзоб дар давоми 20 соли фаъолият ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст, вале …





Барои тасдиқи ин гуфтаҳо ва ошноӣ пайдо кардан бо рафти омӯзиши дарсҳои санъат ва ҳунарҳои мардумӣ роҳи бинои асосии мактабро пеш гирифтем. Мутаассифона, дари даромадгоҳи он баста буд. Роҳбаладамон ба кунҷи рости бино ишора карда гуфт, ки бо сабаби корношоям гардидани зинаҳои даромадгоҳи асосӣ даромаду баромади хонандагонро аз дари иловагии эҳтиётӣ ташкил кардаанд.

Вориди се синфхона шудем, дар ҳар кадом се-чор хонанда ба кори худ машғул. Намедонанд, ки муаллими фанниашон куҷост.

Вазъи ҳузнангези мактаб моро водор намуд, ки аз филиалу синфхонаҳои дар мактабҳои деҳот ташкилшуда низ дидан намоем. Аввал ба синфи овозхонии «Устод ва шогирд», воқеъ дар МТМУ №39, рафтем. Намуди берунаи мактаб ва дару тирезаҳои шикастаи синфхонаҳои онро дида ҳайратзада шудем. Синфхонаҳо ба талаботи дарсгузаронӣ ҷавобгӯ нестанд.

Директори мактаб Сайдалӣ Неъматовро пайдо карда натавонистем. Ба гуфти муовинон ва омӯзгорон мактаби мазкур дар иҷора қарор дорад. Бино, ба қавле, ба соҳибкоре тааллуқ доштаасту он панҷоҳ сол пеш ҳамчун лагери тобистонаи истироҳатӣ сохта шуда, хонандагони мактабҳои ҳудуди ноҳия ҳар сол дар давраи таътил дар он ҷо истироҳат мекардаанд.

Роҳбари гурӯҳи синфи овозхонии «Устод ва шогирд» Давлатмурод Мунавваров зимни суҳбат гуфт, ки 12 хонанда доранд, вале то ҳол соҳиби синфи алоҳида нестанд. Ҳатто, асбоби мусиқии омӯзишӣ дар манзили истиқоматии роҳбари гурӯҳ нигоҳдорӣ мешавад.

Мудири филиали мактаби санъати ноҳияи Варзоб дар гимназияи №1, воқеъ дар деҳаи Чорбоғ, Ҷонибек Холов изҳор дошт, ки дар ҳафт бахш 98 кӯдаку наврас ба омӯзиши санъат ҷалб гардидаанд. Дар он ҷо низ хонандагон синфхонаи алоҳида надоранд ва то холишавии ягон синфхона интизор мешаванд. Ҳолати начандон хуби филиал дар Чорбоғ ва ба талабот ҷавобгӯ набудани вазъи филиалҳо дар деҳаи Бувакро дида, боздид аз дигар синфхонаҳои мактаби бачагонаи санъати ноҳия дар деҳаҳои Ҳушёрӣ, Хоҷа Обигарм ва Намозгоҳро зарур надонистем.

Зикр кардан бамаврид аст, ки иқлими ноҳияи Варзоб нисбат ба дигар манотиқи кишварамон сардтар аст, биноан, идораю корхона ва ташкилоту муассисаҳоро зарур меояд, ки барои зимистонгузаронӣ бештар сӯзишворӣ захира намоянд. Ҳолати синфхонаҳои мактаби санъати ноҳия чандон ба талаботи санитарию эпидемиологӣ ҷавобгӯ нестанд. Синфхонае, ки дар он омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор мегардад, аз маҳсули дастони хонандагон оро ёфтааст, вале ҳолати садамавӣ ва намнокии он касро нороҳат месозад.

- Ҳар сол дар асоси қарори Ҳукумати мамлакат ва фармоиши Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фасли зимистон омодагӣ мебинем ва вобаста ба шароиту имконияти мавҷуда ангишту ҳезум захира менамоем, аммо аз сабаби кухна будани бино синфхонаҳоро гарм карда наметавонем, ки ин мушкилии дигарест, - мегӯяд мудири қисми хоҷагии мактаби мазкур Т. Ашурова.

Роҳбарияти мактаби бачагонаи санъати ноҳияи Варзоб ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро дар мусоидати мақомоту идораҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ медонанд, зеро худи муассиса ва омӯзгорони он ба ин кор имкон надоранд.

Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бораи ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳои омодагӣ ва вусъат бахшидани корҳои бунёдкорию созандагӣ тасдиқ гардидааст, ки яке аз бандҳои асосии он ба самти маориф ва фарҳанг равона шудааст. Масъулони Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб агар дар доираи омодагӣ ба таҷлили бошукӯҳи санаи мазкур ба навсозии пурраи мактаби бачагонаи санъати ноҳия ҳам таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд, туҳфаи арзишманд мешуд.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

Тозанашр

# МЕҲРИ ПАДАР




**Абдулқодири Раҳим аз зумраи адибони хушсалиқа ва навҷӯи мост. Нигоштаҳои ӯ дар тамоми жанрҳои адабӣ бо мазмун ва сабку услуби хос фарқ мекунанд. Хонанда ба китобҳои вай, аз ҷумла «Чароғи ошноӣ», «Дурӯғи шабнам», «Духтари афсонаҳо» ва ғайра, ошно гашта, пай мебарад, ки ӯ эҷоди шеъру ҳикояро ҳамқисмати худ донистааст. Хусусан, дар наср Абдулқодири Раҳим пайроҳаи худро дошта, то ин дам асарҳои ҷолиб, мисли қиссаву ҳикоёти «Дарди сар», «Ало, таксӣ», «Себ», «Раҳоӣ», «Қарз», «Беинсофӣ»-ро пешниҳоди хонанда намудааст.**

Чанде пеш романи нави адиб бо номи «Падар» аз нашр баромад, ки онро метавон дастоварди муҳими ӯ дар офариниши асари калонҳаҷми бадеӣ номид. Романи нави нависанда пур аз рамзу андеша, розу ниёз аст. Олами андешаҳои муаллиф бисёр жарф буда, асрори оламу одамро дар симои падар пеши рӯи мо мекушояд. «Падар» баёни фалсафаи зиндагӣ ва тасвири ҳақиқати ботину ҷаҳони пуршебу фарози падар аст. Роман бо чунин тасвири зебо оғоз меёбад: «Падарам мегуфт, ки мард бош, пеши чун худе сар хам макун, ту охир одамизодаӣ, ризқ аз ҷониби Аллоҳ аст, касе онро аз ту гирифта наметавонад. Иззату обрӯро низ, бар ҳар кӣ бихоҳад ӯ, медиҳад. Ба покӣ ҳамеша рӯ биёрӣ. Пок бихӯр, пок бизӣ». Албатта, ҳар асари навро ҷузъиёту тасвир ҷолибу хонданӣ мекунад. Абдулқодири Раҳим бо рамзу андешаҳои бикр таъкид мекунад, ки дунёи падарро бояд донист ва аз падар омӯхт.

Сарнавишти писарак бо падар аз мактабу китоб оғоз меёбад: «Маро ба ин ҷо, ба ин мактаб, падарам меорад. Ҷойи нишастанамро мебинад. Омӯзгор эълон менамояд, ки минбаъд ӯ, яъне ман, ҳамроҳи шумо таҳсил мекунад. Бачаи доно аст, бо шумо зуд унс мегирад. Падарам меравад ва ман баъди соате аз мактаб мегурезам, ба ҷустуҷӯи ӯ мебароям. Роҳи ба падарам расиданро намедонам. Мегирям, бо алам мегирям, ҳам аз тарс ва ҳам аз гум кардани падарам»…

Тасвири олами ботини қаҳрамони асар аз адиб маҳорату истеъдоди амиқро талаб мекунад. Аз ин ҷиҳат муаллиф дар тасвири олами ботинии падар муваффақ шудааст. Ӯ дар равшанӣ, зулмот падарро мебинад ва меҳру навозиши қиблагоҳро ҳис мекунад, зеро падар достони нонавиштаи писар аст: «Оҳ, ман падарамро мебинам, дар миёни сад оҳ. Ба абрҳои сафед монананд ин ҳама оҳ. Не, ба зоҳир, ба рӯ сафеданд, дар дилашон сиёҳиҳост, сиёҳиҳои абрӣ, на мисли дили лола. Аз ин ду ранги сиёҳу сафед ба ҷустуҷӯи борону офтоб меафтам, борону офтоби дилу чашми худ.

- Беҳуда меҷӯӣ. Дигар ашк надорӣ, оби чашм надорӣ ва офтобат чанд соате пештар ғуруб кард. Рӯ ба шарқ маёр, дигар аз он сӯ рух наменамояд, лабханд намезанад, нурат намебахшад, гармият намедиҳад»…

Ҷустуҷӯҳо барои расидан ба дунёи хеш ва тасвиру мушоҳидаҳои зебо романи «Падар»-ро боз ҳам ҷолиб намудааст. Адиб тавонистааст бо эҷоди як силсила бархӯрду муколама ва зикри андешаҳои воло симои падарро кушояд: «Падарам ба хотирам мерасад, ки дар миёни оташу дуд ба сӯи ман меомад. Падар, падарҷон - мегӯям ва худро дар миёни оташу дуд мезанам. Оташу дуд ба чаману ҳавои беғубори баъди борон табдил меёбанд. Модарамро мебинам, ки дар чакдону дегдон оташ меафрӯзад. Бояд кулча бипазаду суманак»…

Абдулқодири Раҳим дар романи нави худ пургӯӣ намекунад, ӯ ҳар лаҳза аз падар, асрори зиндагӣ ва розҳои он ҳарф мезанад. Агар ба тасвири муаллиф дар мавриди хазону баҳор ва табдили рангҳо диққат диҳед, ӯ аз тамоми санъатҳои бадеӣ моҳирона истифода намуда, симо ва панду ҳикматҳоеро, ки умри ҳазорсола доранд, дар роман ба хонанда мерасонад. Абдулқодири Раҳим пажӯҳишгар ва тасвиргари беҳамтои олами ботинии инсонҳост. Ӯ менигорад, ки инсон то дами вопасин аз қиблагоҳ - падар қарздор аст ва бояд дуои падарро бигирад: «Падар, ин дарё, дарёи бепаҳно, монеаи омаданам шудааст. Аз он ҷо, аз теппаи гӯристон маро мешунавӣ, маро мебинӣ? Бубину бишунав. Аз ту чизе намехоҳам, ҷуз ин ки гуноҳамро бубахшӣ».

Дар роман тасвири ҳолати падар ва манзараҳои аҷиб бо забони шевою равон басо боварибахш қаламдод гардидаанд. Дар тасвири Абдулқодири Раҳим дарё, долу дарахт ва умуман, табиати афсонавӣ мавқеи хос доранд. Тасвирҳо мисли шеър оҳанг доранд, ба дарди хонанда меҳӯранд. Поёни роман низ бо тасвири дарё анҷом меёбад, ки ин, албатта, бесабаб нест, зеро дарё дар ҳама давру замонҳо ифшогари розҳо буда, ташнагонро ҳаёту замини ташналабро умри тоза мебахшад: «Эҳсос мекунам, ки гӯрҳои падару модарам ва он ҳафт бародарам ба ман менигаранд, бо дархости имдод. Эҳсос мекунам, ки ҳамин ҳолӣ аз аҷзу нотавонӣ ашк мешавам ва ба дарё мепайвандам».

Дар китоби «Падар» ҳикоя ва мақолаҳои ҷолибу хондании дигари Абдулқодири Раҳим, ба монанди «Росту дурӯғ», «Китобчаи гумшудаи С. Айнӣ», «Китобдорию китобхонӣ», «Модар», «Аз пиндор то ҳақиқат», «Мо ба фалак меравем» ва ғайра, низ гирд оварда шудаанд, ки аҳамияти тарбиявӣ доранд.

**Маҷид САЛИМ,**
**нависанда, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ**

# ИТТИЛООТ

## ДАР БОРАИ МАҶЛИСИ УМУМИИ СОЛОНАИ САҲМДОРОНИ ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ РОҒУН»

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун» иттилоъ медиҳад, ки 21 июни соли 2024, соати 9:50, дар бинои Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 5, маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон баргузор гардид. Тибқи рӯзномаи маҷлис масъалаҳои зерин баррасӣ карда шуданд:**

1. Ҳисоботи солона, ҳисоботи истеҳсолӣ ва молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023
2. Хулосаи аудитори ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023
3. Ҳисоботи комиссияи тафтишотӣ оид ба фаъолияти молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023
4. Оид ба зиёд намудани сармояи оинномавии ҶСК «НБО Роғун»
5. Оид ба ворид намудани тағйирот ба оинномаи ҶСК «НБО Роғун»
6. Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мудирияти истифодабарии ҶСК «НБО Роғун
7. Интихоби аъзои шурои нозирони ҶСК «НБО Роғун»
8. Интихоби аъзои комиссияи тафтишотии ҶСК «НБО Роғун»
9. Интихоби аъзои комиссияи баҳисобгирии ҶСК «НБО Роғун»
10. Тасдиқи аудитори ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2024 ва подошпулии он.

**Дар натиҷаи муҳокима ва овоздиҳӣ нисбати масъалаҳои рӯзномаи маҷлис қарорҳои зерин қабул гардиданд:**

- ҳисоботи солона, ҳисоботи истеҳсолӣ ва молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023 тасдиқ карда шуд;
- хулосаи аудитори ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023 тасдиқ карда шуд;
- ҳисоботи комиссияи тафтишотӣ оид ба фаъолияти молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2023 тасдиқ карда шуд.

Қарор қабул карда шуд, ки сармояи оинномавии ҶСК «НБО Роғун» бо роҳи барориши саҳмияҳои иловагӣ ба миқдори 40 000 000 (чил миллион) адад саҳмияҳои одӣ бо арзиши номиналии ҳар як саҳмия баробар ба 100 (сад) сомонӣ ба маблағи 4 000 000 000 (чор миллиард) сомонӣ зиёд карда шавад.

Сармояи оинномавии ҶСК «НБО Роғун» ба маблағи умумии 45 000 000 000 (чилу панҷ миллиард) сомонӣ муайян карда шуд.

ҶСК «НБО Роғун» вазифадор гардид, ки тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ, бақайдгирии зиёдшавии сармояи оинномавӣ ва барориши саҳмияҳои иловагии ҷамъиятро дар мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин намояд. Вобаста ба ин қарор қабул гардид, ки дар сарҳати якуми банди 20 оинномаи ҶСК «НБО Роғун» тағйироти зарурӣ ворид карда шаванд.

Вобаста ба масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мудирияти истифодабарии ҶСК «НБО Роғун» қарор қабул карда шуд, ки дар банди 2.3. Низомномаи мудирияти истифодабарии ҶСК «НБО Роғун» тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад.

Аъзои шурои нозирони ҶСК «НБО Роғун» дар ҳайати 13 нафар муайян ва интихоб гардиданд.

Мутобиқи қарорҳои дахлдори маҷлис аъзои комиссияи тафтишотӣ дар ҳайати 5 нафар ва комиссияи баҳисобгирии ҷамъият дар ҳайати 15 нафар интихоб карда шуданд.

Инчунин, тибқи қарори қабулнамудаи маҷлис ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон» ҷиҳати гузаронидани санҷиши аудитории фаъолияти молиявии ҶСК «НБО Роғун» барои соли 2024 ва маблағи подошпулии он ба андозаи 418 162 (чорсаду ҳаждаҳ ҳазору яксаду шасту ду) сомонӣ бо назардошти андозҳо тасдиқ карда шуд.

**ҶСК «НБО Роғун»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**16 августи соли 2024 музоядаи № 27-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабудаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо менамояд**

1. Нива Шевролетт, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 950 ZC 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2007. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ
2. Саманд, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 981 ZH 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2008. Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ
3. Саманд, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 982 ZH 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2008. Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ
4. Джинбей, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 739 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 9000 сомонӣ
5. Джинбей, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 728 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 9000 сомонӣ
6. ВАЗ – 21144, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 619 XE 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2013. Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ
7. ВАЗ – 21144, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 085 XE 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ
8. Опел Астра, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 716 XX 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2002. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ
9. Ҷип – Либао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 771 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 20000 сомонӣ
10. ВАЗ – 21070, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 277 ZE 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2002. Нархи ибтидоӣ - 4000 сомонӣ
11. BAW, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 645 XC 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 24000 сомонӣ
12. ВАЗ – 21144, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 390 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ
13. BAW, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 641 XC 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 24000 сомонӣ
14. Джинбей, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 732 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 9000 сомонӣ
15. Лебао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 768 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 20000 сомонӣ
16. Лебао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 766 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 20000 сомонӣ
17. Донг-фенг «Боркаш», рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 758 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 14000 сомонӣ
18. Донг-фенг «Боркаш», рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 751 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 40000 сомонӣ
19. Хундай – Галопер, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 772 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2000. Нархи ибтидоӣ - 20000 сомонӣ
20. ГАЗ – 66, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 094 ZP 02, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 1989. Нархи ибтидоӣ - 18000 сомонӣ
21. Ваз-21144, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 392 XA 02, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2012. Нархи ибтидоӣ - 5000 сомонӣ
22. Ваз-2107, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 984 ZH 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2005. Нархи ибтидоӣ - 4000 сомонӣ
23. БМВ-3161, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 420 XC 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2000. Нархи ибтидоӣ - 4500 сомонӣ
24. Ивеко, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 873 X 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2015. Нархи ибтидоӣ - 34000 сомонӣ
25. УАЗ 39629-016, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 2621 B 01, соли бароириш ё ба истифодадиҳӣ - 2005. Нархи ибтидоӣ - 13000 сомонӣ
26. Лебао, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 767 XA 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2011. Нархи ибтидоӣ - 20000 сомонӣ
27. УАЗ 31519, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 40-93 B 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2006. Нархи ибтидоӣ - 8000 сомонӣ
28. Муссо Санг-Ионг, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 782 XA 04, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2000. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ
29. Нива Шевролетт, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 544 XA 04, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2009. Нархи ибтидоӣ - 15000 сомонӣ
30. УАЗ-31514-012, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ - 281 XA 04, соли бароириш ё ба истифодадиҳӣ - 2005. Нархи ибтидоӣ - 8000 сомонӣ

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона супорида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, телефонҳо 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

**3 июни соли 2024, №78, ш. Душанбе**

**Дар бораи Қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда**

**210.010.130.**

Мутобиқи қисми 3 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ва банди 10 Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №357 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Муассисаи давлатии «Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»-и Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он амалигардонии фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси кумита – сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

**Раиси Кумитаи ҳифзи**
**муҳити зисти назди Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон ШЕРАЛИЗОДА Баҳодур Аҳмадҷон**

**Шакли пурраи фармоиш «Дар бораи Қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда 210.010.130.» дар сомонаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.tajnature.tj ҷой дода шудааст.**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами бақайдгирии №1287 аз 1 июли соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## КУМИТАИ ДИН, ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**1. Сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

*Маоши мансабӣ - 2207,8 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**2. Мутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои кумита - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

*Маоши мансабӣ - 1484,36 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**Барои иштирок дар озмун аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- ариза ба номи раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона акси андозаи 4х6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли №038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби шуъбаи таъминоти ҳуқуқ ва кадрҳои Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд. *e-mail: info@din.tj***

**Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Низомии Ганҷавӣ 420, индекс: 734043, телефон 2336965.**

**Сомонаи кумита - www.din.tj, сомонаи Агентии хизмати давлатӣ - www.ahd.tj**

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

**Таджикистан**

**Центр управления проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан (ЦУП РМИ в РТ)**

**Гранта:** E 0950-TJ

**Название задания:** ЗАКУПКА ОФИСНОЙ МЕБЕЛИИ ОБОРУДОВАНИЯ ДЛЯ РЕАЛИЗАЦИИ ПРОЕКТА ПИВС-1 (Lot 1 и Lot 2)

**Номер ссылки:** WSIP-G-PMU/O03 (Lot 1 и Lot 2):

**Lot 1. Закупка офисной мебели для реализации Проекта ПИВС-1.**

**Lot 2. Закупка офисного оборудования для реализации Проекта ПИВС-1.**

Центр управления Проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан получил финансирование от Всемирного банка (Банк) для реализации Инвестиционного проекта в сектор водоснабжения и санитарии Таджикистана (Фаза 1) и намеревается использовать часть средств для выплат в рамках контракта на закупку, поставку и установку Lot 1 офисной мебели и Lot 2 офисного оборудования.

Центр управления проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан (ЦУП РМИ в РТ) теперь приглашает соответствующие правомочных участником выразить свою заинтересованность относительно закупку, поставку и установку Lot 1 офисной мебели и Lot 2 офисного оборудования.

Торги будут проводиться с использование метода Запрос на подачу ценовых предложений (ЗЦП), как указано в «Положении о закупках для заемщиков ФИП» Всемирного банка от июля 2016 г., пересмотренном в сентябре 2023 г. («Положение о закупках»), и будет открыт для всех правомочных Поставщиков, как определено в Положении о закупках.

Выражение заинтересованности должно быть доставлено в письменной форме по указанному ниже адресу или по электроном почте до 19 июля 2024 г.

Центр управления Проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан (ЦУП РМИ в РТ)

Внимание: Саидвализода А. Директор

Душанбе ул. Н. Карабоева 56 здания ГУП ХМК 4-этаж

Электронная почта: **rwssp@midp.tj**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Патенти гумшудаи №0435999, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 4-уми марти соли 2020 ба Ғафоров Умедҷон Ҷабборович (РМА 605802975, РЯМ 6030151399) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи №0303333, ҳамчунин иқтибос ва гувоҳномаи гумшудаи РМА, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 20-уми октябри соли 2022 ба ҶДММ «Ширинҳо аз Дилфуза» (РМА 60014498, РЯМ 6010006695) додааст, эътибор надорад.

✓Маълумотномаи гумшудаи силсилаи ВТЭ-1 № 082349, ки онро ХДТТИ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми августи соли 1988 ба Паишова Марям Назриевна додааст, эътибор надорад.

✓Маълумотномаи гумшудаи силсилаи ВТЭ-1 №042955, ки онро ХДТТИ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми июли соли 1990 ба Джумабоев Асо Маликмамадович додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибоси гумшуда аз варақаи бақайдгирӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишери Навоӣ, бинои 27/1, хонаи 32 ба Восиев Юсуфшоҳ Қодирович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи ҳавлӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Пирогов, хонаи 90 ба Юсупов Алишер Ҳакимжонович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи таҳти рақами инвентарии 35343, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 16 августи соли 2021 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳуснобод ба Ҳасанов Сафармурод додааст, эътибор надорад.

✓Манзилнома (ордер)-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷрои Шурои депутатҳои халқи ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе 8-уми январи соли 1987 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 6-уми кӯчаи Матросов, бинои 8, хонаи 11 ба Чилаев Сулаймон Султонович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи хориҷии гумшуда, ки онро Сарраёсати ВКД вилояти Москваи Федератсияи Россия ба Собиров Маджид Джабирович додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Курганбоева Севара Валиҷоновна (РМА 127435283) додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшуда, ки онро Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон соли 2003 таҳти қайди №100 (бо ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ) ба Шамсуддинов Муҳаммад Абдулфайозидинович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0004713, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №125-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2014 ба Саъдуллоев Сафаралӣ Талбонович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Абдулворис» (РМА 030034017, РЯМ 0310022112), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 14-уми сентябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 423860 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ниҳоли гули мавсимӣ, садбарги ҳоландӣ ва гулчанбар | Озмуни кушод | Мол | 3 | 15.08.2024 15:10:00 |
| 2 | 423858 | Муассисаи давлатии «Литсейи касбӣ-техникии саноати кишоварзӣ»-и ноҳияи Зафаробод | Пармакунии чоҳҳои обӣ дар муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.08.2024 15:24:35 |
| 3 | 423861 | Беморхонаи маркazии ноҳияи Ёвон | Кати тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 15.08.2024 16:50:55 |
| 4 | 423862 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 15.08.2024 17:00:05 |
| 5 | 423863 | Беморхонаи маркази ноҳияи Вахш | Мизи корӣ ва роҳаткурсӣ барои толори маҷлисгоҳ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 15.08.2024 17:00:25 |
| 6 | 423864 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Носири Хусрав | Идомаи корҳои сохтмонии «Хонаи 12-ҳуҷрагӣ», воқеъ дар шаҳраки Баҳори ҷамоати деҳоти Фирӯзаи ноҳия | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.08.2024 17:10:55 |
| 7 | 423865 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ-техникӣ»-и ноҳияи Ҷайҳун | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 15.08.2024 17:15:55 |
| 8 | 423866 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Намаки техникӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 15.08.2024 17:25:18 |
| 9 | 423867 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ҷамоати деҳоти Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 15.08.2024 17:40:35 |
| 10 | 423868 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии мошин | Озмуни кушод | Мол | 325 | 15.08.2024 17:50:17 |
| 11 | 423869 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 15.08.2024 18:00:26 |
| 12 | 423872 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант | Таъмири меҳмонхонаи шаҳри Левакант | Озмуни кушод | Кор | 1 | 16.08.2024 09:00:30 |
| 13 | 423871 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Молу маводи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 16.08.2024 10:00:00 |
| 14 | 423876 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Корҳои сохтмонӣ ва гузаронидани фазлаоб дар раёсат | Озмуни кушод | Кор | 1 | 16.08.2024 10:10:00 |
| 15 | 423877 | Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон | Таъмир ва таҷдиди асосӣ дар утоқҳои кории иттифоқ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 16.08.2024 10:20:00 |
| 16 | 423878 | Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Корхои таъмирию сохтмони дар бинои агентӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 16.08.2024 10:45:00 |
| 17 | 423875 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №150»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 32 | 16.08.2024 11:10:52 |
| 18 | 423873 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №148»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 16.08.2024 11:30:30 |
| 19 | 423874 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №31»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 16.08.2024 11:50:03 |
| 20 | 423880 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ ва барқӣ, лавозимоти масрафӣ, либоси махсуси корӣ, картриҷ, лампаи светодиодӣ, асбобҳои барқии дастӣ, аксессуарҳои компютерӣ, таҷҳизоти техникии идоравӣ ва шабакавӣ | Озмуни кушод | Мол | 115 | 16.08.2024 13:15:00 |
| 21 | 423879 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Сервер, коммутатор, карт- принтер, системаи нигоҳдории маълумот, диски дурушт, ноутбук, дастгоҳи бисёрфунксионалии офисӣ ва проектор | Озмуни кушод | Мол | 8 | 16.08.2024 13:25:32 |
| 22 | 423881 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти мурғ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 16.08.2024 13:45:00 |
| 23 | 423884 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 16.08.2024 14:20:00 |
| 24 | 423885 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 16.08.2024 14:30:17 |
| 25 | 423883 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Камераи амниятӣ, сканер, телевизор, системаи баландгӯяк, сим ва коммутатор | Озмуни кушод | Мол | 11 | 16.08.2024 14:30:28 |
| 26 | 423886 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 16.08.2024 14:40:00 |
| 27 | 423887 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Моҳии зинда ва орд | Озмуни кушод | Мол | 2 | 16.08.2024 14:45:00 |
| 28 | 423889 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ба номи Гулов Минҳоҷ Ғуломович»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 16.08.2024 15:00:00 |
| 29 | 423890 | Муассисаи давлатии «Бӯстонсарои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб» | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 19.08.2024 14:50:18 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волояти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 29 июли соли 2024, соати 13:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33105 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97